Ватан саҷдагоҳи муқаддас аст!

Овози Самарқанд

Оғози нашр: 1-уми январи соли 1990

ISSN 2010-6688

E-mail: ovozi_samarqand@umail.uz

@ovozisamarqand 4415 | OvoziSamarqand 51495 | Овози Самарқанд 1360 | ovozi.uz 60046

№ 40 (3529)
8-уми октябри соли 2026,
ПАНҶШАНБЕ



МУВОФИҚИ ФАРМОНИ ПРЕЗИДЕНТ

ДАР МАВСИМИ ТИРАМОҲ ЧӢ ҚАДАР НИҲОЛ ШИНОНДА МЕШАВАД?

Дар фармони Президентамон аз 23-юми сентябри соли равон «Дар борои чораҳо оид ба таҳкими нақши маҳаллаҳо дар татбиқи лоиҳаи умумиҷумҳурии «Макони сабз» ва ба таври куллӣ баланд бардоштани сатҳи сабзазор кардани ҳудудҳо» дар мавсими тирамоҳ дар ҳудуди вилоят шинонидани 11 миллиону 355 ҳазору 500 дона ниҳоли дарахту буттаҳои ороишӣ, мевадиҳанда ва қаламчаҳо пешбинӣ шудааст.

Ин фармон дар маҳаллаҳо фароҳам овардани муҳити мусоиди экологӣ, баланд бардоштани қобилияти нашъу намои ниҳолҳо ва дар соҳаҳо ба таври васеъ роҳандозӣ намудани технологияҳои рақамиро пешбинӣ мекунад.

Тибқи фармон, дар доираи лоиҳаи умумиҷумҳурии «Макони сабз» тавассути ҷорӣ намудани стандарти байналмилалии «3–30–300», ки таъмини 3 дарахт барои ҳар як сокини маҳалла, 30 дарсади сояи дарахтон ва мавҷудияти ҳудуди сабз дар масофаи тақрибан 300 метрро пешбинӣ мекунад, сатҳи кабудизоркунии маҳалла баланд бардошта мешавад. То соли 2030 шумораи боғу паркҳои сабзро ба 1023 адад расонида, 257-тои онҳо дар тирамоҳи соли 2026 бунёд карда мешаванд.

Дар ҳар як ноҳия ва шаҳр на камтар аз 5-той кӯчаҳои соядори барои сайругашт пешбинишуда бо дарозии на камтар аз 10 километр ташкил хоҳанд шуд.

Аз 1-уми октябри соли равон дар ҷумҳурӣ думоҳаи пурдолузарби тозагӣ ва ободонӣ гузаронида мешавад. Аз ҳамин сана чораҳо оид ба муайян намудани ҷойгиршавии ҳудудҳои сабз, омода кардани заминҳо, ташкили захираи ниҳолҳо ва буттаҳо андешида мешаванд. Аз 1-уми ноябр мавсими шинонидани ниҳол ва буттаҳо оғоз мегардад.

Аз 1-уми январи соли 2027 низоми нави татбиқи лоиҳаи умумиҷумҳурии «Макони сабз» дар сатҳи маҳалла роҳандозӣ шуда, дар доираи лоиҳаи «Маҳаллаи сабз» бастаи «Кабудизоркунии маҳалла» амалӣ карда мешавад. 90 дарсади маблағҳои ҷаримаҳои экологиро ба Фонди маҳалла равона мекунанд. На камтар аз 30 дарсади маблағҳои Фонди маҳалла барои хидматрасониҳои сабзазоркунии маҳалла (ниҳол, нуриҳо, обёрӣ) сарф карда мешаванд. Агентии хоҷагии ҷангал ба ҳар як маҳалла корманди ҷангалбонмураббиро вобаста мекунад.

Бо мақсади дастгирии талабот ва пешниҳодҳои аҳолӣ оид ба бунёди боғҳои сабз аз 1-уми январи соли 2027 низоми «Лоти сабз» роҳандозӣ карда мешавад. Ҳамчунин, усули ксерискейпинг, ки ба шинонидани растаниҳои камобталаб ва ба хушксолӣ тобовар равона шудааст, гузаронида мешавад. Ба таври таҷрибавӣ дар муҳлати шаш моҳ модули ёвари «AI-и сабз» ба кор дароварда шуда, тавассути зеҳни сунъӣ ва моҳвора майдонҳои шинонидани ниҳолҳо, намудҳои мувофиқи дарахтон ва хатарҳо ба таври автоматӣ муайян карда мешаванд.

Бо фармон ба Кумитаи экология, Иттиҳоди маҳаллаҳои Ӯзбекистон ва ҳокимияти вилоят супориш дода шудааст, ки дар муҳлати 3 моҳ аз ҳисоби маблағҳои Фонд татбиқи барномаи сабзи ноҳияи Ургутро оғоз намоянд. Ҳамчунин, ҳокимияти вилоят якҷо бо Кумитаи экология ва Агентии хоҷагии ҷангал дар муҳлати 3 моҳ дар боғҳои ботаникӣ ва дендрологӣ, хоҷагиҳои ҷангал ва идораҳои ободонӣ низоми компосткунӣ ва мулчакунӣ (усули пӯшонидани сатҳи хоки атрофи растанӣ бо маводи махсус)-ро ба роҳ мемонад.

Шаҳри Самарқанд дар ҳамкорӣ бо Созмони озуқаворӣ ва кишоварзӣ (ФАО)-и Созмони Милали Муттаҳид ба ташаббуси «Шаҳрҳои сабз» ҷалб карда мешавад. Дар доираи лоиҳа то моҳи июни соли 2027 оид ба идоракунии кабудизоркунии шаҳр, беҳтар намудани сифати ҳаво ва нарм намудани микроиқлим чораҳои амалии зарурӣ ва «харитаи роҳ»-и ҳамкорӣ таҳия карда мешаванд.

ВОҲӮРӢ БО ВАЛИАҲДИ ШТАТИ ПЕРЛИС



Ҳокими вилоят Адиз Бобоев бо ҳайати намояндагони штати Перлиси Малайзия, ки бо роҳбарии валиаҳди ин штат Туанку Сайид Фазлиддин Путра ибн Туанку Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл барои иштирок дар анҷумани байналхалқии оид ба мероси Набавий ба Самарқанд омадааст, воҳӯрд.

Сараввал А.Бобоев меҳмононро шодбош гуфта, таъкид кард, ки солҳои охир ба туфайли муносибатҳои дӯстона ва сиёсати берунаи самараноки роҳбари давлатамон ҳамкории байни Ӯзбекистон ва Малайзия рушд меёбад. Алалхусус, робитаҳои соҳаи сайёҳӣ сол аз сол мустаҳкам ва доираи онҳо васеъ мегардад.

— Аз аввали сол то имрӯз шумораи сайёҳони малайзиягие, ки ба Самарқанд омадаанд, нисбат ба соли гузашта се баробар зиёд шудааст, — гуфт А. Бобоев. — Ҳар сол бо мақсади васеъ намудани робитаҳои тиҷоративу иқтисодӣ, маданӣ ва иҷтимоӣ ташрифи ҳайатҳо ба роҳ монда мешавад. Ҳоло ба яке аз меҳмонхонаҳои воқеъ дар ҳудуди маҷмааи навбунёди Имом Бухорӣ соҳибкори малайзиягӣ роҳбарӣ мекунад. Ба маҷмааи Имом Бухорӣ 20 ҳазор дона Қуръон туҳфа кардани нашриёти «Насирул Қуръон»-и ин давлат натиҷаи мустаҳкам гардидани робитаҳоямон дар самти динӣ-маърифатӣ ва сайёҳии зиёратӣ мебошад. Муфтии штати Перлис, профессор, доктор Дато Муҳаммад Асрӣ Зайнул Обиддин бошад, сафири сайёҳии Ӯзбекистон дар Малайзия ва дӯсти наздики Самарқанд ба ҳисоб меравад.

Валиаҳди штати Перлис барои дар Маркази байналхалқии илмиву тадқиқотии Имом Бухорӣ баргузор шудани анҷумани Х байналхалқӣ оид ба мероси Набавӣ миннатдорӣ изҳор карда, таъкид намуд, ки ин натиҷаи ҳамкории наздики Ӯзбекистон ва Малайзия дар соҳаҳои таълим, илм ва маърифати динӣ мебошад.

— Хеле хурсандам, ки дар доираи анҷумани бонуфузи бахшида ба мероси Пайғамбарамон бори дигар сафар ба Самарқанд ва зиёрати маҷмааи муҳаддиси бузург Имом Бухорӣ насиб кард, — гуфт Туанку Сайид Фазлиддин Путра ибн Туанку Сайид Сироҷиддин Ҷамолуллайл. — Ман ба Ӯзбекистон, аз ҷумла ба Самарқанд бисёр омадаам. Аммо аз ташрифи имрӯза дидам, ки пас аз сафари охиринам (соли 2012) дар ин кишвар тағйироти калон ба амал омадаост. Алалхусус, симои нав ва ҳусну салобати маҷмааи Имом Бухориро дида, ба ҳайрат афтодам. Ин дар соли 1991 давлати мустақил шудани Ӯзбекистонро не, балки дорои таърихи сеҳазорсола ва анъанаҳои ғании давлатдорӣ будани ин мамлакатро нишон медиҳад.

Дар давоми мулоқот ҷонибҳо, инчунин масъалаҳои рушди ҳамкории соҳаҳои гуногуни байни вилояти Самарқанд ва штати Перлисро баррасӣ намуданд.

Ҳидмату ахбори ҳокимияту вилоят

ДОНИШКАДАИ ДАВЛАТИИ ПЕДАГОГИИ САМАРҚАНД — 5-СОЛА



Ба муносибати панҷсолагии таъсиси Донишкадаи давлатии педагогии Самарқанд маҳти шиори «5 сол — 5 арзиш — ба сӯйи қуллаҳои нав!» чорабинии идона ва маънавию маърифатӣ баргузор гардиданд.

«5 СОЛ — 5 АРЗИШ — БА СӮЙИ ҚУЛЛАҲОИ НАВ!»

Дар оғози чорабинӣ ректори донишкада, профессор Шаҳзода Негматова меҳмонон ва аҳли донишкадаро ба муносибати ин санаи фархунда табрик намуда, дар бораи корҳои анҷомдодашуда ва натиҷаҳои бадастомада дар давоми панҷ сол сухан гуфт.

Чорабинӣ бо тақдимоте идома ёфт, ки дар он симои имрӯзаи донишкада, лоиҳаҳои амалишаванда, натиҷаҳои бадастомада ва вазифаҳои афзалиятноки минбаъда муаррифӣ шуданд.

Дар чорабинӣ ҷонишини ҳокими вилояти Самарқанд Ҳусан Тӯхтаев табрики идонаи ҳокими вилоятро ба ҳайати кормандони донишкада расонид. Дар табрикнома нақши донишкада дар омода намудани кадрҳои педагогӣ, фаъолияти он дар соҳаи таълиму тарбия ва дастовардҳои ҳайати кормандон махсус таъкид гардид.

Ҳамчунин, роҳбари садорати Агентии кор бо ҷавонони вилояти Самарқанд Шерзод Раҳмонов ҷамоаи донишкадаро ба ин санаи фархунда табрик намуда, аҳамияти фароҳам овардани имкониятҳо барои донишандӯзии ҷавонон, рушди малакаҳои касбӣ ва дар оянда омӯзгорони соҳибихтисос шудани онҳоро таъкид кард.

Ба муносибати панҷсолагии муассиса маросими ифтитоҳи Студияи медиавӣ, ки назди Хидмати ахбории донишкада таъсис ёфтааст, баргузор гардид. Дар маросим сармуҳаррири таҳририятҳои муштараки рӯзномаҳои «Зарафшон» ва «Самаркандский вестник» Фармон Тошев, директори телерадиоканали Самарқанд Манноб Ибодуллоев, сармуҳаррири рӯзномаи вилоятии «Овози Самарқанд» Баҳодур Раҳмонов ва ғайраҳо иштирок намуданд. Ба меҳмонон таҷҳизоти муосири техникии студия, имкониятҳои омода намудани маводи видеоӣ ва маҳсулоти медиавӣ, таҳияи дарсҳои видеоӣ, инчунин шароити фароҳамгардида барои инъикоси ҷараёни таълим дар заминаи технологияҳои муосири иттилоотӣ муаррифӣ карда шуд.

Таърихи фаъолияти донишкада ба 2-юми июни соли 2021 вобастагӣ дорад. Дар ин рӯз байни Донишгоҳи давлатии Самарқанд ва Донишгоҳи Туркуи Финландия созишномаи ҳамкорӣ ба имзо расид. Ташаббусҳои мазкур барои таъсиси Донишкадаи педагогии Ӯзбекистон-Финландия дар заминаи Донишкадаи педагогии Донишгоҳи давлатии Самарқанд бар асоси қарори 408-и Девони Вазирони Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 30-юми июни соли 2021 замина фароҳам оварданд. Донишкада фаъолияти худро аз соли таҳсили 2021/2022 оғоз намуд. Бо қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 21-уми июни соли 2022 таҳти рақами 289 донишкада ҳамчун муассисаи мустақили таълими олӣ ташаккул ёфт. Дар асоси Фармони Президент аз 28-уми апрели соли 2025 таҳти рақами 73 ба он номи Донишкадаи давлатии педагогии Самарқанд дода шуд.

Яке аз нишондиҳандаҳои муҳими рушди донишкада афзоиши пайвастаи шумораи донишҷӯён мебошад. Агар дар соли таҳсили 2021–2022 дар донишкада 2 ҳазору 350 нафар таҳсил карда бошанд, дар соли таҳсили 2026–2027 ин шумора ба 10 ҳазору 182 нафар расид. Дар соли нави таҳсил 2 ҳазору 449 нафар ба курси якум қабул шуданд, ки аз ин шумора 175 нафар ба зинаи магистратура дохил гардиданд.

Имрӯз дар донишкада 452 нафар профессорону омӯзгорон фаъолият доранд. Сатҳи салоҳияти илмӣ аз 19,7 фоизи соли 2021 то 37,6 фоиз афзоиш ёфтааст. Ин нишондиҳанда натиҷаи амалии корҳои анҷомдодашуда дар самти таҳкими салоҳияти кадрҳои илмӣ-педагогии донишкада мебошад.

Дар давоми панҷ сол пойгоҳи моддию техникии донишкада низ зина ба зина мустаҳкам гардид. Шумораи хобгоҳҳои донишҷӯён аз 3 ба 5 адад ва шумораи ҷойҳо дар онҳо аз 1 ҳазору 250 ба 2 ҳазору 50-то расонида шуд.

Шумораи биноҳои таълимӣ аз 7 ба 9 адад ва теъдоди ҷойҳо дар онҳо аз 3 ҳазору 80 ба 3 ҳазору 780 ҷой афзоиш ёфт.

Мухбири худамон

ЧОР ХАБАР

Умеди халқу Ватан бошед!

Дар шаҳри Самарқанд Бунёди «Эл-юрт умиди» оид ба омодасозии кадрҳои ояндадори назди Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон чорабиниҳои тарғиботӣ баргузор кард.

Чорабинии идона бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ

Дар маркази ҳунармандони «Traditions Square»-и шаҳри Самарқанд бахшида ба Рӯзи ҷаҳонии сайёҳӣ чорабинии идона баргузор гардид.

Дар Самарқанд чӣ хел технологияҳо офарида мешаванд?

Вазири технологияҳои рақамии Ӯзбекистон Шерзод Шерматов зимни сафари худ ба Самарқанд бо фаъолияти ҶММ «Самлед», ки маҳсулоти технологӣ истеҳсол мекунад, шинос шуд.

Интишори асари бахшида ба бостоншиносии Самарқанд дар Италия

Нашриёти Донишгоҳи Болония китоби «Харитаи бостоншиносии водии Зарафшони Миёна. Ҷилди 1: шаҳри Самарқанд»-ро ба ҷомеаи илмӣ пешниҳод кард.

Овози Самарқанд
№ 40 (3529)
8-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2026, ПАНҶШАНБЕ

ДАР ҲАР ЯК МАҲАЛЛА — ЯК ИМКОНИЯТИ НАВИ ДАРОМАД



Ривоҷиддин МАҲҚУЛОВ,
сарвари Садорати ихтисори камбизоатӣ ва шуғли аҳолии вилоят

Ихтисори камбизоатӣ танҳо бо кумаки молиявӣ ҳал намешавад. Муҳим он аст, ки ба одамон имкони кор кардан, бо соҳибкорӣ шуғл варзидан ва даромад гирифтан фароҳам оварда шавад. Дар вилояти Самарқанд маҳз бо ҳамин равиш такя карда, дар самти баланд бардоштани даромади аҳолӣ ва коҳиши камбизоатӣ як қатор таҷрибаҳои нав амалӣ мешаванд. Натиҷаҳои ба дастомада низ аз самаранокии ин тадбирҳо дарак медиҳанд.



Бо ташаббуси Президенти мамлакатамон аз ин панҷ сол муқаддам ислоҳот дар самти коҳиши камбизоатӣ оғоз гардид. Он вақт дар вилояти Самарқанд 140 ҳазор оилаи камбизоат вуҷуд дошт ва сатҳи камбизоатӣ 14 фоизро ташкил мекард. Худи ҳамон сол ба оилаҳои камбизоат 2,4 триллион сӯм захираи молиявӣ ҷудо карда шуд. Дар натиҷаи тарзи дурусти истифодаи захираи молиявӣ, сатҳи камбизоатӣ то 4,4 фоиз коҳиш ёфт.

Дар 8 моҳи соли равон ба 39,3 ҳазор оила 53,7 ҳазор хидматрасонӣ пешниҳод гардид. 14,8 ҳазор нафар бо кори доимӣ таъмин шуда, ба 4,9 ҳазор нафар 111 миллиард сӯм кредити имтиёзнок, ба 5,2 ҳазор нафар 19,1 миллиард сӯм ссуда ва субсидия ҷудо шуд. Инчунин, 30 ҳазор нафар ба соҳибкорӣ ҷалб ва 2,6 ҳазор нафар ба касбу ҳунар ва соҳибкорӣ омӯзонида шуданд.

Хуллас, бо мақсади аз камбизоатӣ баровардани аҳолӣ аз имкониятҳои фароҳамовардаи давлат ва таҷрибаҳои самарабахш васеъ истифода мешавад.

ПАРАНДАПАРВАРӢ — ФАРОВОНӢ

Ҳангоми сафари Президенти кишвар ба ноҳияи Нарпай ба масъулон оид ба рушди парвариши паранда дар ҳавлиҳои аҳолӣ супоришҳои дахлдор дода буданд. Дар асоси он «Таҷрибаи Нарпай» роҳандозӣ гардида, дар заминаи кооператсия парандапарварӣ ба роҳ монда шуд.

Бо ин мақсад ба корхонаи «Навобод наслли паранда» ба муҳлати 3 сол 30 миллиард сӯм ссудаи бефоиз ва 50 миллиард сӯм ресурсҳои кредитӣ ҷудо карда мешаванд. Корхона бошад, барои оилаҳои камбизоат мурғхонаҳои сабуки мурғпарвариро бо масоҳати 200–300 метри мураббаъ сохта медиҳад.

То имрӯз дар 63 хонадон чунин мурғхонаҳои сабуки конструксионӣ сохтанд. Дар 15 хонадони дигар корҳои сохтмонӣ идома доранд. Дар натиҷа, 126 нафар аъзои бекори 63 оилаи камбизоат бо ҷойи кори доимӣ таъмин гардиданд.

Масалан, оилаи сокини маҳаллаи Навбаҳори ноҳияи Пайариқ — Шароф Шарифов, ки дар рӯйхати оилаҳои камбизоат қарор дорад, аз 4 нафар иборат аст. Дар 2 хол замини наздиҳавлигии оила барои парвариши 3 ҳазор чӯҷа мурғхонаи сабуки конструксионӣ сохта шуда, парвариши чӯҷаҳо оғоз гардид. Аҳли оила баъди 40 рӯзи парвариши чӯҷаҳо, онро ба сифати маҳсулоти тайёр фурӯхта, 14 миллион сӯм фоидаи соф гирифтанд.

Агар дар як сол 8 давраи парвариши чӯҷа ба роҳ монда шавад, даромади софи солонаи ин хонадон ба 112 миллион сӯм хоҳад расид.

ЗЕҲНИ СУНЪӢ РОҲИ ДАРОМАДИ НАВРО НИШОН ДОД

Мувофиқи дастурҳои Президентамон оид ба кор бо истифода аз зеҳни сунъӣ, кредитҳо барои мақсадҳои муайян дар асоси равиши лоиҳавӣ равона ва нуқтаҳои рушди ҳар як маҳалла муайян карда мешаванд.

Масалан, маҳаллаи Бешкуви ноҳияи Булунғур бо ёрии зеҳни сунъӣ омӯхта шуд. Муайян гардид, ки иқлим ва замини ин маҳалла барои парвариши тамашк (малина) мувофиқ аст.

Аз ҳамин сабаб, баҳори имсол дар 235 ҳавлии аҳолӣ дар майдони 3 гектар ва дар заминҳои иҷоравӣ дар майдони 3,5 гектар малина шинонда шуд.

Дар рӯзҳои наздик боз дар 5,5 гектар замин малина шинонда мешавад. Дар натиҷа, ихтисоси ин маҳалла дар парвариши малина то 81 фоиз афзоиш ёфта, онро ба маҳаллаи озод аз бекорӣ ва камбизоатӣ табдил медиҳад. Барои маълумот аз 10 хол замин дар як сол то 60–70 миллион сӯм даромад гирифтан мумкин аст.

Бояд гуфт, ки таҷрибаи парвариши тамашк аллакай дар 4 маҳаллаи ноҳияи Ҷомбой ва 6 маҳаллаи ноҳияи Тайлоқ низ роҳандозӣ карда шуд.

ГАРМХОНА — МАНБАИ ДАРОМАД

Дар ноҳияи Пахтачӣ, ки дар оғози сол ба гурӯҳи «тоифаи вазнин» дохил мешуд, сатҳи бекорӣ 5,4 фоиз ва сатҳи камбизоатӣ 3,6 фоиз буд. Бо назардошти имконияту самтҳои рушди ҳар як маҳалла, барои татбиқи 3,7 ҳазор лоиҳа ба маблағи 312 миллиард сӯм кредитҳо ҷудо карда шуданд. Дар натиҷа, сатҳи бекорӣ то 3,6 дарсад ва сатҳи камбизоатӣ то 1,8 дарсад коҳиш ёфт.

Аз ҷумла, дар маҳаллаи Ёбу барои рушди соҳаи гармхона имкониятҳои мусоид муайян карда шуданд. «Халқ банки» барои сохтмони гармхона ба 134 хонадон ба маблағи 3,9 миллиард сӯм кредитҳои имтиёзнок ҷудо намуд.

Дар натиҷа, 493 нафар соҳиби ҷойи кори доимӣ шуданд, даромади 378 нафар афзоиш ёфт ва ихтисосёбии маҳалла ба соҳаи гармхона ба 95 фоиз расонида шуд.

Сокини маҳалла Чарос Эштухтарова барои ба роҳ мондани фаъолияти гармхона дар 8 хол замин ба маблағи 50 миллион сӯм кредит гирифт. Ҳоло ӯ аз гармхонааш ҳар моҳ ба ҳисоби миёна 10–12 миллион сӯм даромад мегирад ва ҳамзамон 2 нафарро бо ҷойи кори доимӣ таъмин кардааст.

> *Дар 582 хонадони шаш маҳаллаи дигар низ гармхонаҳо ташкил шуда, барои ин мақсад 21 миллиард сӯм кредит ҷудо гардид. Дар натиҷа, 4,1 ҳазор нафар бо кори доимӣ таъмин шуданд.*

АКНУН ИМКОНИЯТ ҲАСТ...

Таҷрибаи дигар нишон дод, ки ҳатто, дар маҳаллаҳое, ки сокинон солҳои зиёд имкони обёрии заминҳои наздиҳавлигиашонро надоштанд, метавон мушкилро бо роҳи дастгирии мақсаднок ҳал кард. Дар 45 маҳалла бо истифода аз 9,5 миллиард сӯм маблағи субсидия 52 чоҳ кофта шуд. Дар натиҷа, барои обёрии 225 гектар замини 1,5 ҳазор хонадон шароит фароҳам омада, имконияти гирифтани даромади иловагӣ ба вуҷуд омад.

Масалан, дар маҳаллаи Бешқӯтони ноҳияи Булунғур дар замини наздиҳавлигии Ҳошим Муродқосимов, ки дар феҳристи оилаҳои камбизоат қарор дорад, аз ҳисоби 200 миллион сӯм субсидия як чоҳ кофта шуд, инчунин панелҳои офтобии иқтидорашон 10 кВт насб карданд.

Дар натиҷа, барои 97 хонадон имконият фароҳам омад, ки дар 11 гектар замини наздиҳавлигӣ кишту кор намуда, даромади иловагӣ ба даст оранд.

Умуман, ихтисосонидани маҳаллаҳо дар афзоиши даромади аҳолӣ натиҷаҳои хуб медиҳад. Зеро, вақте ки дар як маҳалла як хел маҳсулот парвариш карда мешавад, ҳаҷми маҳсулот, бозори фурӯш ва логистикаи он равшан аст.

Умуман гирем, ихтисосонидани маҳаллаҳо барои зиёд кардани даромади аҳолӣ дар амал натиҷаҳои хуб медиҳад. Зеро, вақте дар як маҳалла як навъи маҳсулот бештар истеҳсол мешавад, ҳаҷми истеҳсол, бозори фурӯш ва роҳҳои интиқоли он пешакӣ муайянтар мегарданд. Ин бошад, барои фурӯши маҳсулот ва ба даст овардани даромади бештар мусоидат мекунад.

Бо ҳамин мақсад, дар давоми 8 моҳи гузашта 130 маҳалла ба таври амиқ ба самтҳои муайян ихтисосонида шуданд. Дар натиҷа, шумораи маҳаллаҳои ихтисосонидашуда аз 439 ба 555 расонида шуд.

Барои татбиқи ин корҳо ба 2,7 ҳазор хонадон ба маблағи 40 миллиард сӯм кредитҳои имтиёзнок ва ба 472 хонадон ба маблағи 6 миллиард сӯм ссуда ва субсидия дода шуд.

КАСБОМӮЗӢ — РОҲИ ДАРОМАДИ АМИҚ

Бо назардошти талаботи бозори меҳнат эҳтиёҷ ба 15 намуди касбҳои серталаб таҳлил карда шуд. Дар ин самтҳо ҳоло 153,3 ҳазор мутахассис фаъолият дошта, боз ба 52,7 ҳазор мутахассиси иловагӣ эҳтиёҷ ҳаст.

Дар ҳамин замина, имсол ба Техникуми сайёҳӣ ва мероси фарҳангии шаҳри Самарқанд 540 нафар ҷавон қабул гардид, ки нисбат ба соли гузашта 5 баробар зиёд мебошад. Онҳо аз рӯйи ихтисосҳои соҳаи сайёҳӣ ва хидматрасонӣ таҳсил мекунанд.

Ҳамчунин, дар 8 моҳ бо истифода аз низоми ваучерӣ зиёда аз 13,6 ҳазор нафар аз рӯйи 35 намуди касбу ҳунарҳои зарурӣ ва сердаромад омӯзонида шуданд.

То охири сол боз 7 ҳазор нафар ба касбу ҳунар омӯзонида мешаванд. Бо ин мақсад ҳамкорӣ бо муассисаҳои таълимии давлатӣ ва ғайридавлатӣ идома ёфта, барои таъмин намудани бозори меҳнат бо мутахассисони зарурӣ чораҳо андешида мешаванд.

БАҲОДИҲИИ БАЙНАЛМИЛАЛӢ БА ТАҲСИЛОТИ ТИББӢ



Замира БОЛТАЕВА

Дар Самарқанд имрӯз на танҳо сифати омодасозии табибони оянда, балки мутобиқати худи низоми аккредитатсияи таҳсилоти тиббии Ӯзбекистон ба талаботи байналмилалӣ арзёбӣ мешавад. Коршиносони Федератсияи ҷаҳонии таҳсилоти тиббӣ (WFME) фаъолияти Агентии миллии таъмини сифати таҳсилотро дар самти аккредитатсияи таҳсилоти тиббӣ арзёбӣ мекунанд.

Коршиносон дар Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд ҷараёни аккредитатсияи давлатиро ҳамчун майдони амалии баҳогузорӣ мушоҳида мекунанд. Дар давоми чанд рӯз онҳо меомӯзанд, ки фаъолияти комиссияи экспертӣ чӣ гуна ташкил ва арзёбии беруна чӣ гуна гузаронида мешавад ва аз рӯи натиҷаҳои он қарорҳо чӣ гуна қабул мегарданд.

Дар чорабинӣ ректори Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд Ҷасур Ризаев баромад карда, рушди фаъоли донишгоҳро дар се самти асосӣ — ҳамкории байналмилалӣ, табдили рақамӣ ва рушди устувор муаррифӣ намуд.

Шумораи созишномаҳои байналмилалӣ аз 142 то 187 афзоиш ёфта, барои солҳои 2026–2027 ба 210 расонидани ин нишондиҳанда дар назар аст. Дар самти рақамикунонӣ низоми ягонаи рақамӣ таъсис дода шудааст: фарогирии Wi-Fi, гардиши электронии ҳуҷҷатҳо, call-центр, Face ID, низоми электронии KPI ва хизматрасониҳои мобилӣ.

Барои коршиносони байналмилалӣ на танҳо натиҷаҳои як донишгоҳи мушаххас, балки объективӣ, шаффоф ва мустақил будани худи низоми аккредитатсия муҳим мебошад. Аз ҷумла, тартиби ташкили арзёбии беруна, интихоб ва омодасозии экспертҳо, мустақилияти қабули қарорҳо ва механизми мониторинги баъди аккредитатсия арзёбӣ мешаванд.

Ба ибораи дигар, тамоми занҷираи раванд — аз омодасозии экспертҳо ва гузаронидани арзёбӣ то қабули қарор ва назорати иҷрои тавсияҳо — мавриди санҷиш қарор доранд. Ин равиш имкон медиҳад муайян карда шавад, ки низоми миллии арзёбӣ то чӣ андоза метавонад талаботи ягона ва фаҳморо ба сифати таҳсилоти тиббӣ таъмин намояд.

Аз ин рӯ, аккредитатсияи имрӯзаи Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд аҳамияти васеътар дорад. Барои WFME ин имкониятест, ки фаъолияти низоми аккредитатсияро дар амал бинад, барои Ӯзбекистон бошад — имконияти нишон додани он аст, ки механизми миллии арзёбии сифати таҳсилоти тиббӣ дар амал чӣ гуна фаъолият мекунад.

— Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд имрӯз рушди назарраси ҳузури байналмилалӣ ва академиро нишон медиҳад. Донишгоҳ барои солҳои 2025–2030 аккредитатсияи байналмилалии институтсионалии ECAQA-ро дорад. Барномаҳои «Кори табобатӣ» ва «Стоматология» низ барои солҳои 2024–2029 аз аккредитатсияи махсусгардонидаи байналмилалӣ гузаштаанд. Аккредитатсияи ECAQA аз ҷониби WFME низ эътироф шудааст, — гуфт сардори шуъбаи назорати сифати таҳсилоти ДДТС Ҷалолиддин Мансуров.

Шумораи донишҷӯёни хориҷӣ низ меафзояд. Дар соли таҳсили 2021–2022 дар донишгоҳ 457 донишҷӯи хориҷӣ таҳсил гирифт, ин нишондиҳанда дар соли таҳсили 2025–2026 шумораи онҳо ба 4 155 нафар расидааст. Ҳамзамон, шабакаи ҳамкориҳои байналмилалӣ васеъ шуда, барои солҳои 2026–2027 210 созишнома ва меморандуми амалкунанда бо шарикони хориҷӣ ба нақша гирифта шудааст.

Нишондиҳандаҳои фаъолияти илмӣ низ рушди донишгоҳро нишон медиҳанд. Шумораи мақолаҳои дар Scopus индексатсияшаванда аз 59 мақола дар соли 2022 то 322 мақола дар соли 2025 афзоиш ёфта, то моҳи октябри соли 2026 ин нишондиҳанда ба 690 нафар расидааст. Дар Web of Science шумораи мақолаҳо аз 64 дар соли 2022 то 154 дар соли 2025 ва дар ҳашт моҳи аввали соли 2026 ба 189 расидааст.

Самти амалии омодасозии мутахассисон низ ҳамзамон рушд мекунад. Соли 2025 дар клиникаи бисёрсоҳавии ДДТС 5 662 амалиёти ҷарроҳӣ амалӣ гардида, усулҳои нави баландтехнологии ташхис ва табобат роҳандозӣ гардиданд. Аз ҷумла, 11 трансплантатсияи ҷигар ва 3 трансплантатсияи гурда анҷом дода шудаанд.

Дар сурати қабули қарори мусбат, мутобиқати фаъолияти Агентӣ дар самти аккредитатсияи таҳсилоти тиббӣ ба меъёрҳои WFME дар сатҳи байналмилалӣ тасдиқ хоҳад шуд. Ин барои рушди минбаъдаи низоми таъмини сифати таҳсилоти тиббии кишвар қадами муҳим мешавад.

Имрӯз дар рӯйхати расмии WFME зиёда аз 50 агентии аккредитатсионии эътирофшуда мавҷуд аст. Дар байни онҳо ташкилотҳо аз ИМА, Канада, Ҷопон, Олмон ва дигар кишварҳо ҳастанд.

Ҳамин тавр, арзёбии байналмилалӣ дар Самарқанд танҳо санҷиши навбатии як донишгоҳ нест. Сухан дар бораи эътимод ба худи низоме меравад, ки тибқи он сифати омодасозии мутахассисони ояндаи тиббӣ дар Ӯзбекистон арзёбӣ мешавад. Аз ин рӯ, имрӯз таваҷҷуҳи коршиносони байналмилалӣ ба он равона шудааст, ки ин низом дар амал то чӣ андоза объективӣ, шаффоф ва касбӣ фаъолият мекунад.

ХАБАРҲО АЗ НОҲИЯҲО



ДАР ТАЙЛОҚ БАНАН ПАРВАРИШ КАРДА МЕШАВАД


Дар ноҳияи Тайлоқ бо мақсади таъсиси манбаъҳои нави даромад ва васеъ намудани истеҳсоли маҳсулоти сердаромад тасмим гирифта шудааст, ки дар 20 хоҷагии фермерӣ дар майдони умумии 5 гектар ва дар гармхонаҳои 100 хонаводаи маҳаллаи Катта Равот парвариши банан ба роҳ монда шавад.

Дар семинари амалие, ки дар агрофирмаи «Ворсин»-и ноҳия баргузор гардид, масъалаҳои рушди бананпарварӣ дар минтақа, васеъ ҷорӣ намудани агротехнологияҳои муосир ва имкониятҳои истеҳсоли маҳсулоти сердаромад баррасӣ гардиданд.

— Шароити хок ва иқлими мо барои парвариши банан дар гармхона мувофиқ аст, — гуфт дар семинар ҳокими ноҳияи Тайлоқ Беҳзод Раҳматуллоев. — Дар як қатор ноҳияҳои вилоят соҳибкорон ва заминдорон аллакай парвариши ин навъи нави зироатро аз худ карда, ба натиҷаҳои хуб ноил шудаанд. Дар маҳаллаи Катта Равот низ дар ин самт таҷрибаи хуб ҷамъоварӣ шудааст. Акнун зарур аст, ки таҷрибаи мазкур васеъ паҳн ва парвариши ин маҳсулоти сердаромад зиёд карда шавад. Соли 2027 дар ин самт татбиқи лоиҳаҳои навро оғоз мекунем. Ин барои таъмини шуғли аҳолӣ ва зиёд намудани даромади онҳо имконияти нав фароҳам меорад.

Дар семинар мутахассисон дар бораи имкониятҳои парвариши банан дар шароити маҳаллӣ, мутобиқшавии навъҳои банан ба иқлими минтақа, ҳосилнокӣ ва хусусиятҳои нигоҳубини он маълумоти муфассал пешниҳод карданд. Ҳамзамон, ба таҷрибаи заминдорон ва хоҷагиҳои ёрирасоне, ки дар ин самт ба натиҷаҳои хуб ноил шудаанд, таваҷҷуҳи махсус зоҳир гардид.

ЎзА



ДАР 40 РӮЗ — 30 МИЛЛИОН СӮМ ФОИДА

Парвариши мурғҳои бройлерӣ дар байни ҳамватанони мо торафт маъмул мешавад. Бо ин роҳ таъмини аҳолӣ бо гӯшти серғизои мурғ мумкин аст.

Бинобар ҳамин, шумораи шаҳрвандоне меафзояд, ки аз имкониятҳои худ самаранок истифода бурда, истеҳсоли ин маҳсулотро ба роҳ мондаанд. Яке аз онҳо сокини маҳаллаи Чорлоқи ноҳияи Қӯшработ Шоҳрух Орифов мебошад.

Ӯ дар 6 хол замин аз конструксияҳои сабук мурғхонаи замонавӣ бунёд кард. Бори аввал 8 ҳазор сар чӯҷа гирифта, ба парвариши он шуруъ намуд.

— Мо пештар имкони сохтани мурғхонаро надоштем, — гуфт Ш. Орифов. — Шароит пайдо шуду ба ин иқдом даст задем. Албатта, ҳар як кори нав душвориҳои худро дорад. Одам аз мушкилот натарсида, ҳаракат кунад, ҳамааш хуб мешавад. Мо ният дорем, ки чӯҷаҳои бройлериро 40 рӯз парвариш карда, то ба 3 килограмм расонем ва ба гӯшт супорем.

Ба гуфтаи соҳибкор, ӯ нақша дорад, ки аз ҳар давраи парвариш то 30 миллион сӯм фоидаи соф ба даст орад.

Имрӯз самараи меҳнати ӯ на танҳо даромади хонавода-ашро афзоиш медиҳад, балки барои рушди соҳибкорӣ дар маҳалла ва таъмини шуғли аҳолӣ хидмат мекунад.

Ҳоло бо чунин тарз қариб 10 нафар сокини маҳалла ба мурғпарварӣ камар бастаанд.



БАРОИ НУРОНИЁН МУОИНАИ БЕПУЛИ ТИББӢ ТАШКИЛ КАРДА ШУД

Дар доираи «Ҳафтаи пиронсолон» дар бинои шуъбаи Бунёди «Нуронӣ» дар ноҳияи Булунғур барои падарону модарони нуронӣ муоинаи бепули тиббӣ ташкил карда шуд.

Дар рафти муоина мутахассисон вазъи саломатии пиронсолонро санҷида, вобаста ба масъалаҳои марбут ба саломатии онҳо тавсияҳои зарурӣ пешниҳод намуданд.


Чунин чорабиниҳо дар ҳифзи саломатии пиронсолон, сари вақт ошкор намудани бемориҳо ва расонидани ёрии тиббӣ ба онҳо аҳамияти муҳим доранд.

Дар рафти чорабинӣ аз имкониятҳои фароҳамгардида барои пиронсолон самаранок истифода бурда ва ба саломатии онҳо таваҷҷуҳи махсус зоҳир карда шуд.

Хидмати ахбори ҳокимияти ноҳия

«ОВОЗИ САМАРҚАНД» ДАР МЕҲМОНИИ МАҲАЛЛАИ ШАЛҒАМОН

«МАКТАБИ ОИЛАДОРӢ МЕКУШОЕМ...»





Б.ҶУМЪАЕВ

ТАЪРИХИ ШАЛҒАМОН

Маълум аст, ки дар замонҳои қадим қои меҳмонхонаҳоро аксаран корвонсаройҳо мегирифтанд. Дар қойҳое, ки корвонсаройҳо набошанд, масҷидҳо ҳамчун меҳмонхона хидмат мекардаанд. Мусофирони пиёдаву савора аз паҳлӯи ин маскан гузаранд, дар масҷид як-ду шаб мемондаанд.

Агар картошка беш аз 150 сол пеш пайдо шуда бошад, шалғам таърихи аз ин ҳам зиёд дорад. Мардуми маҳалла бегоҳӣ баромада бинанд, ки дар масҷид меҳмон ё меҳмонон ҳастанд, ҳар кас аз рӯи имкон ба онҳо зиёфат меоростаанд. Аксаран бо гӯшти гӯсфанду шалғам кабоб тайёр мекардаанд. Боре меҳмонон байни худ «Ин чӣ?» гуфта пурсидаанд. Гуфтаанд, ки ин шалғам аст. «Э, набошад, — ба хулосае омадаанд меҳмонон, — ин ҳо шалғамон будааст-дия».

Тахмин меравад, ки гӯё аз ҳамон вақт сар карда, номи деҳа Шалғамон шудааст.

Дар сарчашмаҳои таърихӣ дар бораи маҳаллаи Шалғамон ягон хел ишорае нест. Фақат дар китоби «Самарқанднома»-и Расул Ҳодизода баъзе маълумотҳо оварда шудааст.

МАСҶИДИ БЕШ АЗ 200-СОЛА

Дар ин ҷо авлоди Мирҳабибовҳо, ки аслан бофанда ва аз гузари Регистон будаанд, зиндагонӣ мекардаанд. Худашон дар шаҳр зиндагонӣ кунанд, ки боғашон дар ин ҷо будааст. Тахмин мекунанд, ки онҳо ҳамин масҷиди маҳалларо бунёд кардаанд.

Масҷиди маҳалла таърихи беш аз дусадсола дорад. Дар бисёр ҷойҳо ба ҳамин монанд масҷидҳои «Г»-шакли пешаш айвондор ҳастанд, ки охирҳои асри XVII ва аввалҳои асри XVIII бунёд карда шудаанд. Масҷид, ки бо гузашти солҳо ба вайронӣ рӯ оварда, бо дастгирии ҳомиёни маҳалла аз нав тармиму таъмир карда шуд. Ин масҷидро ба рӯйхати мероси мадании ЮНЕСКО гирифтаанд.

НОМБАРДОРОНИ МАҲАЛЛА

— Пештар бисёриҳо зимистонро дар шаҳр гузаронанд, тобистон ба боғҳои худ кӯчида меомадаанд, — гуфт ҳангоми суҳбат раиси маҳаллаи Шалғамони ноҳияи Самарқанд Назирҷон Қамаров. — Худи мо аслан, аз гузари Мулло Қаландари шаҳри Самарқанд мебошем. Бобоямро Раҷаббоймахсум мегуфтаанд. Аз рӯи тахминҳо Раҷаббоймахсум ду боғ доштаанд. Баъди солҳои 1920 хоҷагиҳои ҷамоавӣ ташкил кардаанд. Барои он ки заминҳо ба ҳисоби хоҷагӣ нагузаранд, якто писарашонро ба ин ҷо ва писари дигарашонро ба Чордара фиристодаанд. Дар он ҷо ҳам ҳоло авлодони мозиндагӣ мекунанд. Аксарияти шаҳриҳо баъдтар муқими деҳот шудаанд.

Ҳоло дар маҳаллаи Шалғамон беш аз 2000 нафар аҳолӣ дар 409 хонадон ва 667 оила аҳлона умр ба сар мебаранд. Мардум асосан дар шаҳр кор мекунанд. Дар байни аҳолии маҳалла намояндагони касбу корҳои гуногун вуҷуд доранд. Одамони маъруф ҳам кам нестанд. Масалан, олими адабиётшинос, профессор Аслиддин Қамарзода аз зумраи чунин одамони маҳалла ба ҳисоб меравад. Суратҳои иштирокчиёни Ҷанги дуввуми ҷаҳониро дар девори мегузоранд.

МАРКАЗИ ИЛМОМӮЗӢ

Дар ҳудуди маҳалла мактаб нест. Фарзандони сокинони маҳалла бисёртар дар мактаби рақами 22, инчунин мактабҳои рақамҳои 21, 37 ва 14 мехонанд. Ҳарчанд, мактаб нест, бо ташаббуси раис ва фаъолон дар маҳалла Маркази илмомӯзӣ кушоданд. Дар ин ҷо бачаҳо бо омӯхтани математикаи менталӣ, забонҳои англисӣ, русӣ ва арабӣ машғул мешаванд. Дар марказ барои баланд бардоштани маънавияти мардум китобҳои зиёде низ ҷамъ оварда шудаанд. Мутаассифона, ҳозир шумораи китобхонҳо кам аст.

Худи Назирҷон Қамаров дар хонаи худ барои аҳолии маҳалла китобхонае, ки бештар аз 1000 нусха китоб дорад, ташкил кардааст. Баъзеҳо омада, аз ин китобҳо истифода мебаранд.

ДАР МАҲАЛЛА ҶИНОЯТ НЕСТ

Бояд гӯем, ки раис Назироҷон Қаморов мутахассиси фанни таърих буда, инчунин факултети шарқшиносиро ҳам хатм кардааст. Китобҳои Ҳофиз, Бедил ва Алишери Навоиро бо ҳуруфоти арабӣ мехонад. Бо ин ҳуруфот навиштанро машқ карда меистад, ки аз ёдаш набарояд. Дар мактаби рақами 22 аз соли 1986 то соли 2022 кор кардааст. Ҳамчун услубшинос дар шуъбаи маориф ҳам фаъолият нишон додааст. Соҳиби ду духтару ду писар ва 14 нафар набера мебошад. Ҳамсараш ҳам муаллима шуда кор кардааст ва ҳоло нафақахӯр мебошад.


Назирҷон Қамаров соли панҷум ҳамчун раис кор мекунад.

— Дар кадом оилае, ки тарбия хуб бошад, дар он хонавода низоъҳои оилавӣ намешаванд. Ҷудошавӣ ҳам нест, — фаҳмонд раис. — Аммо дар кадом оилае, ки чунин тарбия набошад, дар он оила ҷангу ҷанҷолҳо, албатта, рух медиҳанд. Ман ба шахсияти ҳеч кас расиданӣ нестам, вале дар муддати панҷ соли раисиам ба чунин хулоса омадам. Агар тарбия набошад, ҷанҷол ва ҷудошавӣ ҳам мешавад. Имсол қонунан ҷудошавӣ якто шуд. Боз дутои дигар мехоҳанд ҷудо шаванд. Ҳарчанд ҳаракат мекунем, вале илоҷашро намеёбем. Ҳозир ҳама телефон доранд ва сабабгори ин ҷанҷолҳо ҳамин телефонҳо низ мебошанд. Одамон аз шабакаҳои иҷтимоӣ нодуруст истифода мебаранд. Агар дуруст корбарӣ кунанд, фоидаи интернет калон аст. Дар маҳалла ҷинояткорӣ ба қайд гирифта нашудааст. Мо дар маркази маҳалла чойхонаи нуроние, маркази таълимӣ ва ғайра сохтем. Боз як нияти неке дорем, ки мактаби оиладорӣ ҳам ташкил кунем. Ба ҷавонон пеш аз хонадор шудан дарс гузарем. Ман ба духтарони худии тӯйшаванда мегӯям, ки ба ҷои рафтаат аз падарарӯсу модарарӯсат 15–20 дақиқа барвақттар хез. Вақти хобидан 15–20 дақиқа дертар хоб кун. Агар ҳамин корро кунӣ, барака меёбӣ...

САД ДАРЕҒ

ДАРГУЗАШТИ РАҲИМБОБОИ РАҲНАМО

Озод ҲАМИДЗОДА,
маҳаллаи Қумзори ноҳияи Самарқанд



Раҳимҷон Тӯрақуловро аз чӣ бошад, ки ба уқоб монанд мекардем. Ҳамон уқобе, ки бо се хислати хубаш аз парандагони дигар фарқ мекунад.

Рӯзгори Раҳимҷонбобо низ уқобвор буд. Сад дареғ, ки чунин инсони ҷоннисор рӯзи 7-уми октябр аз олам даргузашта, дили ҳазорон мардуми атрофро ба дард оварда...

Раҳимҷонбобо Тӯрақулов бо мақсади неки обрӯву эътибори хонавода, маҳали зист ва ватани маҳбуб такопӯ дошт. Бо оромиву самимият, солору бовиқор қадам мезад. Онҳоеро, ки дар атрофаш ҳалқа зада, барои беҳбудии халқу диёр, гулгулшукуфоии зодгоҳ хидмат карданӣ мешаванд, тоҷ бар сар мекард. Онҳоеро, ки аз кори хайр худро дур гирифта, бо ғайбату туҳмат ва ҳарзагӯиҳои беҳуда машғул мешаванд, ба ҳоли худашон мегузошт. Ӯ медонист, ки касифон бо балои худ саргаштаву саркӯб мешаванд...

Хислати дилфарохӣ, дарёдилӣ ва хоксорӣ ба Раҳимҷон Тӯрақулов аз падари хоксору деҳқонсифаташ Тӯрақулбобо Нарзиқулов гузаштааст. Бо вуҷуди деҳқон будан ба қадри худ мерасид. Модари Раҳимҷонбобо Қаноат Нарзиқулова аз занҳои фаъоли ҷамъият буд. Хислати мардона дошт. Якрӯву якқавл буду амалаш ба кирдораш мувофиқ.

Инсони некном, бузургмарди саҳнаи табобат, ҷамоат ва маънавият Раҳимҷон Тӯрақулов 10-уми майи соли 1945 дар деҳаи қадимтаърихи Қумзори ноҳияи Самарқанд ба дунё омадааст. Пас аз хатми мактабҳои рақамҳои 60 (14) ва 21-и зодгоҳ, донишҷӯи факултаи биологияи Донишгоҳи давлатии Самарқанд гардид.

Р. Тӯрақулов то ба дараҷаи инсони комил расидан роҳҳои гуногуни зиндагиро тай намуд. Нахуст, ёрирасони ошпази корхонаи хӯроки умумии шаҳри Самарқанд, аъзои хоҷагии ҷамоатии «Ленин байроғи» («Мароқанд»)-и ноҳияи Самарқанд, аз соли 1967 то соли 1993 корманди масъул, мудири шуъба, сардухтури Маркази санитариву эпидемиологии ноҳияи Самарқанд, аз соли 1993 то соли 1996 раиси Ҷамоати шаҳрвандони деҳоти «Оҳалик», солҳои 1996–1998 раиси хоҷагии иҷоравии «Меҳробод»-и ноҳияи Самарқанд, солҳои 1999–2005 шифокори маркази санитариву эпидемиологии ноҳияи Самарқандро бар дӯш дошт. Аз соли 2005 нафақахӯр бошад ҳам, умри азизи худро ба ободии зодгоҳи худ бахшид. Ин пири хирад то охири умр фахрии меҳнат, раиси нуроние Қумзор буд.

Шодравон Раҳимҷонбобо Тӯрақулов бо ҳамсари худ Ҳафиза Комилҷонова — духтари ҳосилоту дӯкондори хоҷагии ҷамоатии ба номи Куйбишев Комилҷон Ҳамроқулов ва деҳқонзани покизарафтор Муҳтарам Ҳамроқулова 5 нафар фарзанд — Мубинҷону Аминҷони тадбиркор, Каримҷони донишвар, ки шодравон директори стансияи «Мумтоз»-и роҳи оҳани Ӯзбекистон буд, Мадинаи ҳунарманд, Шоҳинҷони соҳибкорро ба роҳи неки зиндагӣ тарбия намудаанд.

Дар ин рӯзҳои ҷудоӣ ба аҳли фарзанду пайванд ва маҳаллаи Қумзор ҳамдардии самимона изҳор менамоем. Ёди чунин инсони фозил солҳои дароз дар ёду дилҳо боқӣ мемонад.

Бамаврид аст, ки марсияи пургудози ҳамсояву ҳамдили марҳум, шоир Шукруллохони Вализодаро ин ҷо оварем:

Ногаҳон бар мо расид як шумхабар,
Мо намудем ҷамаи мотам ба бар.

Кард Раҳимбобо ба уқбо ин саҳар,
Бо фароғат азм намуда бар сафар.

Бар само печид чу оҳи мо баланд,
Чун бидидем мо миёнҳоро ба банд...

Улфату раҳбар буд ӯ аз баҳри мо,
Ҳар гаҳу бегаҳ ба ҳар шому сабоҳ.

Во муаммо менамуд ҳар уқдаро,
Мушкили сахти калони бандаро.

Ӯ, ки буд устоди ҳар пиру ҷавон,
Марҳами шоистаи ҳар хонадон.

Тӯю сури деҳаро сарвар буд ӯ,
Рӯзи мотам ҳам ба мо ҳамдам буд ӯ.

Ӯ китобро дӯсти ҷон мешумурд,
Ин хисол бар мо намонд, бо худ бибурд.

Чун бирафт бобои мо аз ин ҷаҳон,
Аҳли деҳ аз баҳри ӯ Қуръон бихон.

Кун дуо бо ин тариқ, бошӣ рафиқ,
К-он расад аз ҷонибат бо ҳар тариқ.

Ё илоҳо, ҷояшон ҷаннат кунӣ,
Бо ҳузури он расул ҳамдам кунӣ.

ҲАЁТИ НАВИ ОСОИШГОҲИ КӮҲНА



Зоҳир ХАСАНЗОДА

Дар солҳои охир дар тибби Ӯзбекистон дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал меоянд. Сифат ва дастрасии кумаки тиббӣ баланд шуда, технологияҳои муосир татбиқ мегарданд ва ҳамкорӣ бо клиникаҳову марказҳои илмии хориҷӣ вусъат меёбад. Намунаи чунин корҳо фаъолияти Институти илмӣ-тадқиқотии офиятӣ (реабилитология) ва тибби варзиши Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд мебошад.

Мувофиқи қарори Президенти Ҷумҳурии Ӯзбекистон аз 1-уми апрели соли 2022 «Дар бораи ташкил намудани Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд ва боз ҳам такмил додани омодасозии кадрҳо дар ин соҳа», дар таркиби донишгоҳ Институти илмӣ-тадқиқотии реабилитология ва тибби варзишӣ таъсис дода шуд. Пояи он Шифохонаи барқароркунии саломатии вилояти Самарқанд гардид, ки дар маҳаллаи «Ёшлик»-и ноҳияи Самарқанд ҷойгир аст. Пас аз ворид шудани ин муассиса ба таркиби Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд, навсозии он оғоз ёфт. Яке аз самтҳо рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ гардид, ки имкон медиҳад таҷрибаи хориҷиро омӯхта, дар амалиёти маҳаллӣ татбиқ кунанд. Имрӯз институт бо мутахассисони Россия, ИМА, Кореяи Ҷанубӣ ва дигар кишварҳо робита дорад.

ТИББИ АНЪАНАВИИ КОРЕЯ

Дар давоми панҷ рӯз гурӯҳи духтурон аз Кореяи Ҷанубӣ дар заминаи институт ба сокинони вилояти Самарқанд ройгон кумаки тиббӣ расониданд. Мутахассисони кореягӣ усулҳои тибби суннатиро дар ҳамоҳангӣ бо равишҳои муосири ташхис истифода бурданд. Сӯзанзанӣ (аккупунктура), моксотерапия — гарм кардани нуқтаҳои аз ҷиҳати биологӣ фаъол, фитотерапия (гиёҳдармонӣ), бодкашӣ (бонкаҳо), табобати мануалӣ ва дигар муолиҷаҳо ба кор бурданд. Беморони дорои дардҳои пушт, гардан ва буғумҳо, сар ва мигрен, ихтилоли ҳозима, хастагии музмин, стресс ва бехобӣ табобат, инчунин барои оқибатҳои ҷароҳатҳо ва изофабориҳои варзишӣ кумак гирифтанд. Табобат ба таври инфиродӣ — бо назардошти вазъи саломатӣ, синну сол ва хусусиятҳои ҳар як бемор интихоб карда шуд.

— Ман барои муоина, табобат, машварат ва доруҳои ройгон хеле миннатдорам, — гуфт барандаи секаратаи ҷоизаи чемпионати ҷаҳон байни собиқадорон оид ба самбо, дорандаи ордени «Соғлом авлод учун» Ҷавҳар Ҷабборов. — Аз сабаби изофабориҳои варзишӣ ман ҷароҳат бардошта будам ва ҳоло ба табобат ниёз дорам.

Мо суханҳои миннатдориро аз дигар беморон низ шунидем.

— Хушмуомилагии одамон ва кумаки ҳамаҷонибаи аҳли кории шифохона барои мо дастгирии бузург гардид, — қайд кард роҳбари гурӯҳи кормандони тиббии Кореяи Ҷанубӣ Ким Сан Гюн. — Ҳамкории байналмилалӣ яке аз омилҳои муҳими рушди тиб мебошад. Мо ба корҳои муштараки минбаъда ва табодули таҷриба умед мебандем.

ЧАРО ҲАМА ЧИЗ БА СӮИ БЕҲБУДӢ ТАҒЙИР ЁФТ?

Таърихи муассисаи табобатӣ аз солҳои 1970-ум оғоз меёбад. Бо ташаббуси роҳбари ҳамонвақтаи вилоят Орзу Маҳмудов ва дигарон дар соҳили канали «Дарғам», дар як мавзеи хушманзара, шифохонаи тиби санаторӣ сохта шуд. Дар аввал он барои 50 кат пешбинӣ шуда буд ва дар ин ҷо, асосан, кормандони кумитаи Ҳизби вилояти (обком) ва аъзои оилаи онҳо табобат мегирифтанд. Номи дар байни мардум боқимондаи «шифохонаи обком» низ аз ҳамин ҷост. Осоишгоҳ сонитар ба сокинони минтақа низ хидмат расониданро оғоз кард. Дар давоми даҳсолаҳои гузашта роҳбарон, равишҳо ва низоми кори муассиса тағйир ёфтанд. Имрӯз институтро доктори илмҳои тиб, профессор Обид Ҳамидов роҳбарӣ мекунад. Ӯ соли 1985 дар вилояти Самараи Федератсияи Россия таваллуд шуда, таҳсилоти олии тиббиро дар Самарқанд гирифтааст.

— Падари ман Абдураҳмон Ҳамидов духтури ҳарбӣ буд ва бо сабаби вазифаи хидматӣ ба бисёр минтақаҳои Иттиҳоди Шӯравии собиқ сафар кардааст, — нақл кард ӯ. — Бинобар ин, пас аз мактаб ман қарор додам, ки ба роҳи ӯ равам. Донишгоҳ ва сипас магистратураро хатм намудам.

Обид Ҳамидов ҳамчун рентгенолог дар клиникаи назди институти тиббӣ, мудири кафедра ва декани факултаи табобатии Донишгоҳи давлатии тиббии Самарқанд кор кардааст. Ду соли охир Институти илмӣ-тадқиқотии реабилитология ва тибби варзиширо роҳбарӣ мекунад. Ӯ ба саволҳои мо посух дод.

— Обид Абдураҳмонович, дар ин муддат чӣ тағйиротҳо ба амал омаданд?

— Мо дар бинои осоишгоҳ, ки беш аз 50 сол пеш сохта шуда буд, таъмири капиталӣ гузаронидем, заминаи моддию техникиро мустаҳкам кардем, аз Россия, Кореяи Ҷанубӣ, Хитой ва дигар кишварҳо таҷҳизоти муосири табобатӣ харидорӣ намудем. Ҳоло бинои нави дорои 200 кат қад рост мекунад. Ба нақша гирифта шудааст, ки он моҳи марти соли оянда ба истифода шавад. Дар ин ҷо се толори ҷарроҳӣ, шуъбаҳои реабилитологияи кӯдакон ва ҷарроҳӣ, маҷмаи варзишӣ, толори тренажёрӣ ва ошхона бо таомҳои парҳезӣ мавҷуд хоҳанд буд.

Дар ҳавлии донишгоҳ беш аз се ҳазор дарахту бутта ва садбаргҳои зиёд мерӯянд. Дар байни дарахтони коҷ (санавбар) ва ғайраи сӯзанбарг кӯчабоғ (аллея)-и махсус ташкил карда шудааст. Дар ин ҷо воқеан нафас кашидан осон аст ва овози парандагон шунида мешавад. Ҳудуди осоишгоҳ айнан дар дохили кабудизор ғарқ шудааст, бинобар ин бисёриҳо мехоҳанд марҳилаи барқароршавиро маҳз дар назди мо гузаронанд.

Давоми мақоларо ба воситаи QR-коди мазкур дар веб-сайти мо хонед.

ЭЪЛОНҲО ЭЪЛОНЛАР ОБЪЯВЕНИЯ

Самарқанд шаҳрида хусусий амалиёт билан шуғулланувчи нотариус Юсупова Дилсура Хасановна нотариал идорасида марҳума Гиясова Кубарога (2023 йил 2 июлда вафот этган) қарашли мол-мулк учун мерос иши очилмоқда. Шу муносабат билан меросхўрлар Юсупова Дилсура Хасановна нотариал идорасига мурожаат мурожаат этишларини сўраймиз.
Манзил: Самарқанд шаҳри, Жомий кўчаси, 64-уй.

Овози Самарқанд

№ 40 (3529)

8-УМИ ОКТЯБРИ СОЛИ 2026, ПАНҶШАНБЕ

ДУРАХШИ МАЪНО ВА РОЗҲОИ РЎЗГОР ДАР ОИНАИ ШЕЪР



Дилшода ҲАЗРАТҚУЛИЁН,
дотсенти Донишгоҳи давлатии Самарқанд

Нормурод Каримзода дар ҳавзаи адабии Самарқанд ҳамчун шоири зуллисонайни сермаҳсул, ҳозирҷавоб ва ҳамеша фаъолу пуркор эътибор дорад.

Дар тӯли сӣ соли охир инкишофи тадриҷии ҳаёти адабӣ дар Ӯзбекистон, тавонманд гардидани ҳавзаҳои адабии мавҷуда дар минтақаҳои гуногуни кишвар, мутамарказ шудани баъзе ҳавзаҳои пароканда ва фаъол гаштани нерӯҳои эҷодӣ ба рушди расонаҳои иттилоотӣ ва нашриёт, кори маҳфилҳои адабӣ такони ҷиддӣ бахшида, барои ташаккули муҳити солими адабӣ ва фарҳангӣ хидмат кардааст. Дар ин муддат ба забони тоҷикӣ беш аз ҳазор китоби илмию адабӣ нашр шуданд. Чунончи, шоироне ба монанди Асад Гулзодаи Бухоро, Ҳадяи Бухоро, Холбой Ҷалили Нотиқ, Паймон, Худойназари Оқсой, Ҷаъфар Муҳаммади Тирмизӣ, Асадулло Исмоилзода тавонистанд маҷмӯаҳои сершумори ашъор, куллиёт, девон ва даҳҳо асарҳои дигари худро нашр кунанд. Дар ин қатор номи Каримзодаро ҳам метавон ном бурд, чун ӯ низ дар радифи шоирони сермаҳсул китобҳои сершумореро, аз қабили «Меҳрнома», «Авроқи дил», «Насими фараҳбахш», «Меҳр кӯзда», «Равзаи роз», «Чаманистони андеша», «Кӯнгил саодати», «Дурахши маъно», «Шукронаи Истиқлол», «Субҳ ба хайр», «Ошиқи зиндагӣ», «Гулбоғи сухан», «Ба чашми дил, ё худ насабномаи назмии Орифон» ва достонҳояш «Оби Раҳмат», «Восифӣ дар Самарқанд», «Хоҷа Кафшер», «Қобил ва Ҳобил», «Розҳои рӯзгор»-ро ба нашр омода кардааст. Аз ин номгӯи китобҳои шоир чунин бармеояд, ки Каримзода дар ҳавзаи адабии Самарқанд ҳамчун шоири зуллисонайни сермаҳсул, ҳозирҷавоб ва ҳамеша фаъолу пуркор эътибор дорад.

Дар шеърҳои ин шоир мавзуъҳои мухталифи зиндагӣ ба шакли манзум даромада, дар онҳо васф, ташбеҳ, муболиға аз санъатҳои пуркорбурд аст. Воқеан, дар адабиётшиносии тоҷикии Ӯзбекистон вижагиҳои ашъори Каримзода кайҳо мавриди омӯзиш қарор гирифта, бархе аз мақолаҳои дар ин мавзуъ навишташуда дар китоби «Ошиқи зиндагӣ» ҷамъоварӣ гардидаанд. Дар як ҷустори худ шоир ва адабиётшинос Ҷаъфар Муҳаммад дар бораи хусусиятҳои асосии ашъори ин шоир чунин ибрози ақида намудааст: «Нормурод Каримзода ... содда ва самимона шеър мегӯяд. Он чӣ дилаш мехоҳад, ҳамонро дар қолаби шеър арза медорад. Аз ин рӯ, ашъораш вирди забонҳост: ҳама ба осонӣ азбар мекунанд ва дар суру ҷашнҳо мехонанд». Бар ин гуфтаҳо метавон чунин афзуд, ки суханҳои Каримзода муғлақ ва мушкил нестанд, балки ӯ ба сабки ба мардум фаҳмо менависад ва касби рӯзноманигорияш ҳам аз ӯ тақозо мекунад, ки воқеъгаро, равшанбаён, ҳозирҷавоб ба муаммоҳои доғи рӯз ва даъвати замон, шоири имрӯз бошад ва розҳои рӯзгорро гоҳе ошиқона, гаҳе ҳакимона ба мардум баён кунад.

Оғози даҳаи шастуми садаи XX сари як марҳилаи тозае дар адабиёт буд, ки риштаҳои аз ҳам гусастаи адабиёти форсизабонро ба ҳам пайваста, се шохаи форсиро ба ҳам наздик овардааст. Аз ин роҳ дар назм ҳам тозапардозиҳо ба расмият даромадааст. Дар Ӯзбекистон чунин тамоюлҳои нав дертар, тахминан аз охири солҳои 80-ум ва ибтидои солҳои 90-ум падидор гаштаанд. Сармашқи кори эҷодии аксари шоирони тоҷики ӯзбекистонӣ, аз қабили Ҷонибек Қувноқ, Салим Кенҷа, Ҳаёт Неъмати Самарқандӣ, Равшани Эҳсон, Холбой Ҷалил, Исмат Ҳалим, Акбар Пирӯзӣ, Абдуллоҳ Раҳмон, Нормурод Каримзода ва чанде дигар бо илҳом ва пайравӣ ба мазмуну мундариҷаи ашъори устодоне чун Мирзо Турсунзода, Муъмин Қаноат, Бозор Собир, Лоиқ Шералӣ, Гулрухсор Сафиева ва чанд тани дигар, бахусус, дар мазмун ва муҳтавои тоза, дар шакли озоди шеъри тоҷик, қарор гирифтааст. Инро ҳамоҳангии ин шоирон дар шакл ва мазмуни шеъри модернистон, инчунин ҷавобияву татаббуъ ва мухаммасҳои тазмин гуфтани шоирони пайрав бар ғазалҳои шоирони пешгом собит мекунад. Чунончи, мисолеро аз ин илҳому пайравӣ дар намунаи шеъри Каримзода метавон нишон дод. Дар китоби «Дурахши маъно»-и шоир татаббуе ба шеъри устод Лоиқ Шералӣ бо унвони «Ман намемирам» оварда шудааст. Шӯридагиҳо дар шеъри Лоиқ Шералӣ баланд аст ва Каримзода ба ин банд аз он татаббуъ намудааст:

То даме, ки офтоб аз Шарқ бинмояд тулуъ,
То даме, ки рӯдҳо аз кӯҳсор ояд фурӯ,
То даме, ки зиндагӣ бошад ба роҳи орзӯ,
То даме, ки шеъри Ҳофиз бошаду ҷому сабӯ,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд.

Шеъри ҷавобия бо ин банд оғоз мегардад:

То даме, ки ишқ дорад ошён дар синаҳо,
То даме, ки шеър дорад ҳурмате дар хонаҳо,
То даме, ки дил намехӯрад ғами бегонаҳо,
То даме, ки тифл дорад ишқ бар афсонаҳо,
Ман намемирам,
Ман нахоҳам мурд.

Дар банди шашуми шеър шиддат ва шавқу шӯр андаке кам шуда, ҷои онро оҳанги ҳакимона гирифтааст. Ба ҳар ҳол, Каримзода дар ин шакл шеъри пухтае офарида, дар он ғояҳои пурмазмуну олиро талқин кардааст.

Маҷмуаи «Дурахши маъно» шеърҳои дилнишини шоирро дар анвои гуногуни жанрӣ фаро гирифтааст ва бештарини онҳо ғазал (53 адад), рубой (115 адад) ва дубайтӣ (44) ҳастанд. Ин чакомасаро дар гуфтани шеър ба ҳар қолаб таҷриба ва дасти тавоно дорад. Ба достонсаройи майл намудани шоир ҳам як нишони ҳиммати ӯст, зеро имрӯз дар байни шоирони тоҷики Ӯзекистон кам касоне ба навиштани достон даст задаанд.

Достон имрӯз ҳам барои гуфтани муаммоҳои доғи рӯз ба баъзе шоирони мо кумак намудааст, чунончи Нормурод Каримзода дар мавзӯи ифлосшавӣ ва хушк шудани обҳои Самарқанд, бахусус, ҷӯи машҳури Оби Раҳмат достоне эҷод намуда, бонги изтироб баланд кард. Муҳаққиқон дар нақди худашон бештар ба аҳамияти баланди ғоявӣ доштани достон ишорат намудаанд. Каримзода ба навиштани достонҳои ахлоқӣ идома дода, дар ҳашт фасл маҷмуаи наверо аз достонҳо бо унвони «Розҳои рӯзгор» ба нашр омода кард, ки дар онҳо асосан мавзуи мустаҳкам нигаҳ доштани риштаҳои хонаводагӣ ва суханҳои панду ахлоқӣ баён гаштаанд. Қаҳрамонҳои достон ҳамватанони имрӯзаи мо буда, ҳаёт ва меҳнати пуршарафи онҳо тараннум шудааст. Ин достонҳо характери адабию публитсистӣ доранд. Илова бар ин, дар таркиби онҳо аз зумраи шоирони классик ва муосир байтҳое иқтибос оварда шудааст, ки ба муҳтавои умумии достонҳо ҳамоҳангӣ доранд ва ё қисман мазмунеро дар онҳо қавӣ мегардонанд. Хусусан, дар достони ҳакимонаи «Равзаи хаёл», ки бо илҳом аз асари «Гулшани роз»-и Шайх Маҳмуди Шабустарӣ таҳия шудааст, чунин абёти иқтибосӣ зиёданд. Дар забони ин достон тамоюли классикӣ мушоҳида мешавад. Дар он шоир аз шеваҳои суннатии сабк истифода карда, дар бораи мақоми калом, аҳамияти дониш, тарбияи ақлу хирад, хислати нек ва сифатҳои дигар сухан меронад ва мегӯяд, ки ҳадафаш аз навиштан намоиш додани ҳунари хеш (мисли ғаввосе, ки бо хаёли гавҳар ба даст овардан шино мекунад), рӯи варақ овардани дидаҳояш аз ҷаҳон аст. Пас, шоир жанри достонро, ки аз назари ҳаҷм ва муҳтаво бузургтару фарогиртар аст, маҳаки санҷиши ҳунари шоирӣ меҳисобад:



Акс бо ёрии зеҳни сунъӣ сохта шудааст

Ки мақсуд аз сухан доди ҳунар буд,
Ҷу ғаввосе, ки дар фикри гуҳар буд.
Назар кардам ба ину они дунё,
Ки то созам бар авроқе ҳувайдо.

Дар ин достонҳои Нормурод Каримзода тамоюли канорагирӣ аз достони анъанавӣ мушоҳида мешавад. Достонҳои маҷмуаи «Розҳои рӯзгор» аз ҷиҳати сохтори дохилиашон одатан якдигарро такрор намекунанд, онҳо аз ҷиҳати устухонбандӣ аз ҳам мутафовит ва дар ҳисоби асарҳои алоҳида мебошанд. Ҳатто, баъзе фаслҳои таркибӣ бо авзони гуногун навишта шудаанд. Масалан, дар достони «Ҳурмузд ва Аҳриман». Хусусияти ҷолиби достонҳо ин аст, ки дар онҳо «дар ҳар қадам» як байте аз як намояндаи классик ё муосири адабиёти форс-тоҷик тазмин мешавад. Умумияти ин достонҳои шаклан мутафовит дар масоили замона гуфта шудан, мавзуи ахлоқ ва талқини ғояҳои ватанпарварӣ аст, ки онҳоро ба ҳам наздик месозад. Аммо инро наметавон таҳаввули софи жанрӣ номид, зеро танҳо бо ин ҳол жанри достон дучори таҳаввулот намегардад. Инҳо кӯшишҳое дар сохтмони шеър ҳастанд.

Китоби аз ин шоир дар ҳамин авохир нашршуда, ки бо унвони «Бо чашми дил ё худ насабномаи назмии Орифон» зикр гардид, ба қавли худи муаллиф «ба хотири бузургдошти 145-солагии зодрӯзи мударрис ва шоири маърифатпарвар Ориф Гулхании Самарқандӣ бахшида шудааст». Он дар кулл аз баёни гуфтаҳои муассир ва арзишманд, фазилату одамият, суннатҳои неки хонаводагии Гулханиҳо, илҳом ва таъсирпазирӣ ва арзи эҳтиром муаллифи китоб ба ду шоир, ки дар шакли манзум баён гардидааст, инчунин аз ҷавобияҳо ба ашъори онҳо ва тарҷумаи осори онҳо ба тоҷикӣ ва дигар шеърҳои гуногунмавзуъ иборат аст. Гузашта аз инҳо, мураттиб ҳар чизе, ки бо мавзуи аслӣ робитае дорад, ба он ворид намудааст.

Он чи дар ин китоб ҷолиб метобад, фасли «Дар васфи хешу табор» аст. Фасли мазкур бо он ки дар вай шеърҳои алоҳидаи бахшида ба хешовандон: оила, модар, модарарӯс, хола, амма, бонувон, арӯс, хоҳарарӯс, доя, модарандар, тағо, додар-бародар, додарарӯс, падарарӯс, амак, поччо, домод, боҷа, ҷиян, абера, чабера, авсун, ҳамсоя оварда шудааст, вижагии забонӣ-этнографӣ ҳам дорад. Муаллиф таъкид намудааст, ки шеърҳо бо дархости Муқимҷон Орифӣ, ба расми эҳтиром ба хешу ақрабо, навишта шудаанд. Аммо бо ин ҳол, аз дидгоҳи нақди адабӣ, интишор ёфтани шеърҳои навъи бахшида ба ин хотир, ки аз ниёзҳои шахсии шоир барнаомада ва ё бо супориш гуфта мешаванд, наметавонанд ба шеъри матбуъ табдил ёбанд, яъне мумкин аст дар онҳо сохтагӣ падидор гардад. Аммо дар ҳоли аз дили шоир ҷӯшидани бахшидаҳо ва ҳунармандона адо шудани онҳо мумкин аст шеърҳои мондагоре ҳам ба вуҷуд оянд. Шеъри «Набера»-и Каримзода ҳам писанди хонандагон омадааст магар, ки акнун онро ҳофизон ҳам бо оҳанг мехонанд. Ҳамин тариқ, якчанд шеъри шоир аз ҷониби ҳунармандони риштаи мусиқӣ оҳанг баста шудааст.

Мурӯре даргузар ва кӯтоҳ бар ашъори Нормурод Каримзода ин нуктаро собит месозад, ки ӯ шоире касбӣ мебошад. Каримзода чакомасарое боиқтидори маъниофар, шоири талошгари сермаҳсул аст ва аз ин ҷост, ки миёни хонандагон маъруфу маҳбуб гардидааст ва ҷойгоҳи шоистае дар шеъри Ӯзбекистон дорад.

МАКТАБИ АЗ ҲАМА БЕҲТАРИН

(Масал)

Волидон мехостанд, ки барои писарашон муаллими беҳтарин ёбанд. Субҳ бобо набераашро ба мактаб бурд. Вақте ки бобо ва набера ба саҳни мактаб даромаданд, онҳоро кӯдакон зуд иҳота карданд.

— Чӣ хел пирамарди хандаовар! — ба ҳоли пирамард хандид писараке.

— Ҳой, фарбеҳи хурдакак, — масхараомез афту андомашро бурма кард дигаре.

Кӯдакон бо доду фарёд дар атрофи бобо ва набера ҷаҳиданд. Сипас, муаллим занг зад ва оғози дарсро эълон кард. Кӯдакон тозон ба синфхонаҳояшон даромаданд.

Бобо бо қатъият дасти набераашро гирифт ва берун баромад.

— Ура, ман ба мактаб намеравам, — писар шодӣ кард.

— Меравӣ, аммо ба ин мактаб не, — хашмгинона ҷавоб дод бобо. — Ман худам барои ту мактаб меёбам.

Бобо набераашро ба хонааш бурд, ӯро ба дасти бибиаш супурд ва худ барои ёфтани муаллими беҳтарин рафт.

Бобо ҳар вақте ки мактаберо медид, ба ҳавлии он медаромад ва интизор мешуд, ки кай муаллим ба кӯдакон барои танаффус иҷозат диҳад. Дар баъзе мактабҳо кӯдакон ба пирамард аҳамият надиҳанд, дар баъзеи дигар ӯро масхара мекарданд. Бобо хомӯшона рӯй мегардонд ва ба ҷустуҷӯи мактаби дигар мерафт.

Ниҳоят, ӯ ба ҳавлии танги мактаби хурде даромад. Ӯ бениҳоят хаста шуда буд ва ба девор такя кард. Занг садо дод ва кӯдакон ба саҳни ҳавлӣ давида баромаданд.

— Бобо, худро бад ҳис мекунед? Ба шумо об биёрам? — овози пасте шунида шуд.

— Мо дар ҳавлии мактаб харак дорем. Марҳамат карда, ба он нишинед, — пешниҳод кард як писар.

— Агар хоҳед, ман муаллимро ҷеғ мезанам? — пурсид кӯдаки дигар.

Дере нагузашта як муаллими ҷавон ба саҳни ҳавлии мактаб баромад.

Бобо бо ӯ салому алейк карда, гуфт:

— Ман ниҳоят барои набераам мактаби беҳтаринро ёфтам.

— Шумо хато мекунед, бобо. Мактаби мо беҳтарин нест. Он хурд ва танг аст.

Пирамард баҳс накард. Ӯ бо муаллим гуфтугӯ карда, ба хонааш баргашт.

Он бегоҳ модари писар ба бобо гуфт:

— Падар, чаро шумо фикр мекунед, ки беҳтарин муаллимро ёфтаед?

— Муаллимонро аз рӯи гуфтору рафтори шогирдонашон мешиносанд! — ҷавоб дод бобо.

Аз забони русӣ тарҷумаи **Б.РУСТАМЗОД**

МИНБАРИ МУШТАРӢ

«ОВОЗИ САМАРҚАНД» — ПАЙВАНДГАРИ ДИЛҲО

Абдуғанӣ БОЙБӮСИНОВ,
ҷонишини директор оид ба корҳои маънавият ва маърифати мактаби таълими ҳамагонии рақами 64-и ноҳияи Деҳнави вилояти Сурхондарё

Матбуоти даврӣ ҳамеша ҳамчун кӯпруки маънавӣ миёни наслҳо, тарғибгари фарҳангу маърифат ва забону адабиёт хидмати бузургеро ба ҷо меорад. Дар ин ҷода рӯзномаи «Овози Самарқанд» мавқеъ ва ҷойгоҳи хоса дошта, имрӯзҳо доираи интишори он торафт васеъ мегардад.




Акнун ин нашрияи маҳбубро на танҳо дар миқёси вилояти Самарқанд, балки дар вилоятҳои дигари ҷумҳуриамон ва ҳатто, берун аз он низ бо шавқу ҳаваси беандоза дастрас ва мутолиа мекунанд.

Густариши ҷуғрофиёи мухлисон ва афзоиши маҳбубияти рӯзнома, бешак, натиҷаи заҳмати аҳлона ва эҷодкоронаи ҳайати таҳририя мебошад. «Овози Самарқанд» бо сарварии сармуҳаррир Баҳодур Раҳмонов — инсоне, ки ӯро ҳамчун олими файласуф ва шоири нуктасанҷ хуб мешиносем, имрӯз симои ҷадиди эҷодиро касб кардааст. Гурӯҳи эҷодии рӯзнома, аз қабили қаламкашони пуртаҷрибаву хушнавис Тошқул Азимзода, Бахтиёри Ҷумъа, Фозили Шукурӣ, Дилафрӯзи Раҳмон, Ҳасан Сулаймонӣ ва дигарон бо навиштаҳои пурмуҳтавову хонданибоб хеле зуд дили хонандаро тасхир мекунанд.

Бахусус, намунаҳои эҷоди шоирону нависандагони маъруф, ки дар саҳифаҳои рӯзнома пайваста чоп мешаванд, барои донишомӯзон ва муаллимони мактабҳо маводи хеле муфиду дастуруламал мебошанд. Ҳамчунин, тарҷумаи осори адибони ӯзбек ва ҷаҳон низ дар рӯзнома хеле хуб ва бо маҳорати баланд ба роҳ монда шудааст.

Маводҳои адабӣ, мақолаҳои маърифатӣ ва намунаҳои тарҷумаи бадей, ки аз саҳифаҳои рӯзнома ҷой мегиранд, барои боло бурдани савияи дониши ҷавонон, ташаккули диди эстетикӣ ва ғайра хидмат мекунанд. Барои омӯзгорону донишомӯзони мактабҳо ин саҳифаҳо ба манбаи илму маърифат ва тарбияи ахлоқӣ мубаддал гаштаанд.

Дар ҳақиқат, рӯзнома рисолати аслии худ — пайвандгари дилҳо ва афрӯзандаи чароғи маърифат будану то сарбаландӣ ичро мекунад. Ба ҳайати эҷодии рӯзнома дар ин ҷодаи шарафнок комёбиҳои нав ба нави эҷодӣ ва зиёд шудани сафи хонандагони вафодорро таманно дорем!



Рӯзнома дар маркази компютерии «Овози Самарқанд» саҳифабандӣ ва дар ҶММ «Ношир Люкс» чоп шудааст. Сифати чоп бар ӯҳдаи матбаа аст.
Манзили матбаа: шаҳри Самарқанд, кӯчаи Спитамен, 270.

НИШОНИИ МО:
140100. Шаҳри Самарқанд, кӯчаи У. Турсунов, 80.
Телефонҳо:
Қабулхона: 233-91-71, Ҷонишини сармуҳаррир: 233-91-70,
Шӯъбаи реклама ва эълонҳо: 233-91-72.
E-mail: ovozisamarqand@umail.uz.

Индекси обуна **419**
Рақами нашр **250**
Адади нашр **2650**
Супориши **387**
Ба чопаш соати **21:00. 7.10.2026** имзо шуд.

ⓣ-мақолаи тиҷоратӣ

Овози Самарқанд

МУАССИСОН:
Шӯрои намояндагони халқ ва ҳокимияти вилояти Самарқанд
Ovozi Samarqand - xalq deputatlari Samarqand viloyat Kengashi va viloyat hokimligining gazetasi

Сармуҳаррир
Баҳодур РАҲМОНОВ

Рӯзнома дар Садорати матбуот ва ахбори вилояти Самарқанд 2-юми июли соли 2012 таҳти рақами 09-04 ба қайд гирифта шудааст.

Рӯзнома ҳафтае як маротиба: рӯзи панҷшанбе чоп мешавад.

Муҳаррири навбатдор
Тошқул АЗИМОВ

Навбатдор
Ҳасан СОДИҚОВ

Саҳифабанд
Сироҷ РАҶАБОВ

ISSN 2010-6688

Дар фурӯш нархаш озод.